«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
доктори илмҳои техникӣ,
профессор Назарзода Х.Х.
________________
«22» январи соли 2025

**ХУЛОСАИ**

**ҷаласаи муштараки кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнат факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба экспертизаи диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзӯи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Диссертатсияи дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» дар кафедраи андоз ва андозбандии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Гафарзода Мавҷуда Тахир, 27-уми октябри соли 1974 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Гафарзода Мавҷуда Тахир соли 1991 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1995 бо ихтисоси муҳосиб иқтисодчӣ хатм намудааст.

Солҳои 1995-2000 ҳамчун ассистент дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба кор қабул шудааст.

Солҳои 2000-2019 ба ҳайси муаллимии калон дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуадааст.

Аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Солҳои 2018-2024 ба ҳайси унвонҷӯй дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Мавзуи диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир зери унвони «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шурои

олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 06.03.2018, суратҷаласаи №9 тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 192 саҳифа оварда шудааст, 20 ҷадвал, 4 диаграмма, 23 расм ва 4 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 203 номгӯй иборат аст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон», хулосаҳои зерин бароварда шудаанд:

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Кори диссертатсионии Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон», ба масоили мубрами механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Рушди сармояи инсонӣ, фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоиста, ба даст овардани адолати иҷтимоӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ нақши бунёдӣ дорад. Таҳлили ислоҳоти соҳаи иҷтимоӣ ва тамоюлҳои муосири рушди он нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба модели нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ, актуалӣ гардонидани масъалаҳои гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва тавсеаи равандҳои рақамикунонӣ таҷдиди назари илмӣ ва амалии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро тақозо менамояд. Дар баробари ин, равандҳои дигаргунсозии марбут ба такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, инчунин таҳияи воситаҳои институтсионалӣ ва методии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини иҷтимоӣ ва рушди мутаносиби соҳаҳои иҷтимоӣ муносибати мутаносибро ба ҳалли ин масъала тақозо мекунанд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Кори диссертатсионии Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзӯи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» бо мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 08.00.12-Иқтисодиёти меҳнат. мувофиқ мекунад. Диссертатсияи мазкур барои ҳимоя тавсия дода шуд.

### 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидааанд, робита дорад.

Диссертатсия дар доираи татбики «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10. 2016, №392), «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст (RB 0121TJ1206), мусоидат менамояд.

### 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 кори илмӣ, аз он ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, нашр гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

### РӮЙИХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Гафарзода М.Т. Таҳлили вазъи муосир ва рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. 1(56) 2025. – С.100-108. ISSN: 2308-054X

[2-М].Гафарзода М.Т. Масоили рушди бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Т. Гафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –

Бохтар, 2024. 1/3(125) 2024. –С. 541-547. ISSN: 2663-5534.

[3-М]. Гафарзода М.Т. Молияи дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун асоси низоми муносибатҳои азнавтақсимкунии пулӣ дар шароити навсозии низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш.Шоназарзода, М.Т. Гафарзода Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 3(53) 2024. -С. 481-493. ISSN: 2308-054X

[4-М]. Гафарзода М.Т. Самтҳои асосии танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар иқтисодиёти муосир [Матн] / М.Т. Гафарзода, А.А. Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 3(53) 2024. -С. 56-60. ISSN: 2308-054X

[5-М]. Гафарова М.Т. Проблемаҳои асосии рушди бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 2(52) 2024. – С.84-92. ISSN: 2308-054X

[6-М]. Гафарова М.Т. Хусусиятҳои намудҳо ва моделҳои системаҳои иқтисодӣ [Матн] / Ф.Б. Насриддинов, М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 1(51) 2024. - С.414-419. ISSN: 2308-054X

[7-М]. Гафарова М.Т. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули соҳаи иҷтимоӣ дар дурнамои таърихӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. 4/2(50)2023. - С.243-249. ISSN: 2308-054X

[8-М]. Гафарова М.Т. Таҳқиқи оморӣ ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / М.Т. Гафарова, Ҷ.Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. 4/1(43)2022. - С.165-172. ISSN: 2308-054X

[9-М]. Гафарова М.Т. Уровень жизни и анализ изменения её показателей в Республике Таджикистан. Научный [Текст] / Ф. Ашуров, М.Т. Гафарова //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. № 4 2018. – Душанбе: ТНУ, 2018. - С. 86-90. (0,25 п.л.). ISSN: 2413-5151

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ.**

[10-М]. Гафарова М.Т. Социально-экономические основы туризма: теоритический аспект [Текст] // Материалы XXIX международной научно-практической конференции Академическая наука - проблемы и достижения 30-31 мая 2022 г. Bengaluru, India - С. 211-215

[11-М]. Гафарова М.Т. Основные направления государственного регулирования поддержки социальной сферы [Текст] //Маҷмӯи мақолаҳои

конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ 23.12.2023 Душанбе - С.202-207

[12-М]. Гафарзода М.Т.Заминаҳои рушди соҳаи иҷтмоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масоили муҳими назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит дар шароити муосир» 22.05.2025 Душанбе- С.212-216.

[13-М]. Гафарзода М.Т., Раҳматова К.Н. Нақши суғуртаи иҷтимоӣ дар ташаккул ва рушди сифати ҳаёти меҳнатӣ [Текст] Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масоили муҳими назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит дар шароити муосир» 22.05.2025 Душанбе- С.217-2021.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад. Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти зерсохтори соҳаи ҳифзи иҷтимои метавон истифода бурд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокkунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи муштараки кафедраҳои факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзӯи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев А.А.; баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Саидова М.Х., д.и.и., дотсент Зубайдов С. ва дотсентон Шоназарзода Н.Ш., Дусматов Б.М. ва Аминов Ф.И. маҷлиси васеи кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнат, андоз ва андозбандӣ ва молия хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои

диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир

*қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқаррааргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.
2. Ба Гафарзода Мавҷуда Тахир нусхаи протокол ва хулосаи ҷаласаи муштараки кафедраҳои факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар бораи дуруст ба расмият даровардa шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 17 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 18.01.2025, протоколи №6 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис**:
Декани факултети молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Кабутзода Қ.М.

**Котиби маҷлис:**
доктор PhD Ҳамидова С.Ҳ.

*Имзоҳои* Кабутзода Қ.М. *ва* Ҳамидова С.Ҳ.*-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.